Нусха аз протоколи № 7

ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”

25 феврали соли 2022. ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: аз 14 нафар аъзоёни кафедра 14 нафар иштирок доштанд. Мудири кафедра дотсент Элмуродова С.Х. пешниҳод намуд, ки ҷаласаи кафедра оғоз карда шавад. “тарафдор” - 14 нафар, “муқобил”- нест, “бетараф”- нест.

**РӮЗНОМА**

Муҳокимаи диссертатсияи докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна зери унвони “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ.

Шунида шуд: Ахмедова М.Ф. аъзоёни кафедраро бо мазмун ва мӯхтавои рисолаи доктори фалсафа (PhD) шинос намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки муаммои омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ дар татбиқи технологияи инноватсионии таълим яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад ва таҳқиқи илмии он хеле муҳим аст.

Баромад карданд: Элмуродова С.Х. мудири кафедра, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Мавсуф дар робита ба масъалаи мазкур қайд намуд, ки мавзӯи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Ахмедова М.Ф. ба яке аз масъалаҳои фаъоли замони муосир бахшида шудааст. Омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи

инноватсионии таълим хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро шароити имрӯза аз омӯзгорони макотиби олӣ – мутахассиси оянда, касбиятнокии муҳаррик ва қобилияти босуръат иваз карда тавонистани ихтисоси худро, ки бевосита бо фаъолияти технологияи инноватсионӣ ва ғайримаъмул вобаста аст, талаб мекунад. Хатмкунандаи имрӯза бо як қатор муаммоҳои хусусияти амалӣ дошта, ки аз сабаби нав буданашон, дар раванди таълими донишгоҳӣ ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, вомехӯрад. Чунин муаммоҳоро бо такя ба дастовардҳои навтарини илмӣ, технологияи инноватсионӣ ва машғулиятҳои ғайриоддиву эҷодӣ ба касби худ, ҳал намудан мумкин аст. Бояд қайд намоям, ки муаммои мазкур дар илми педагогикаи ватанӣ бори аввал мавриди таҳқиқ қарор дорад ва диссертатсияи омодагардида метавонад ба сифати заминаи тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ истифода бурда шавад, аз ин рӯ рисолаи Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновнаро зери унвони “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” ба ҳимоя тавсия менамоям.

Неъматов П.С. – ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедра, ибрози ақида намуд, ки мафҳуми шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии таълим мубрам аст, алалхусус пажӯҳиши робитаи ин ташкилаҳо дар сохтори шахсияти донишҷӯён дорои аҳамияти хоса аст. Муаллиф дар ҷараёни омода намудани рисола маводи зиёди илмиро доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Мавзӯи диссертатсия дар доираи фаъолияти илмии кафедра қарор дорад ва ба ҳимоя пешниҳод намудани он иқдоми хеле наҷиб хоҳад буд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи докторанти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна зери унвони “Шартҳои педагогии омодасозии омӯзгорони макотиби олӣ ба татбиқи технологияи инноватсионии муосири таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ кори тахассусӣ ва мустақилона маҳсуб буда, тамоми хусусияти кори диссертатсиониро инъикос менамояд.

2. Кори диссертатсионии мазкур барои ташхиси давраи дуюм тавсия карда шавад.

Мудири кафедра, дотсент Элмуродова С.Х.

Котиби ҷаласа Ғафорова С.П.

Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Наврӯзов Э.М.